**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA 019-и**
**назди Донишгохи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Мавзуи диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ омода карда шудааст. Таҳқиқоти мазкур имкон додааст, ки як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии минбаъдаи конунгузорӣ дар самти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ тавсия шаванд. Ҳамзамон дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ низ пешниҳод гардидаанд.

Бартарияти дигари таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он аст, ки он на танҳо бо таҳлилҳои назариявӣ ва илмии мавҷуда, балки таҷриба ва дастовардҳои амалия, махсусан амалияи судӣ такя менамояд. Таҳлилҳои амиқ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ бо ғояву афкори олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, такя ба амалияи судӣ имкон додаанд, ки мавзӯи таҳқиқот ҳаматарафа комил анҷом дода шавад.

Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар омилҳои зерин инъикос меёбад: дар фаъолияти меъёрсозӣ: дар таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муносибатҳои молу мулкӣ; ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, санадҳои зерқонунӣ; дар амалияи татбиқи ҳуқуқии мақомоти судӣ, воҳидҳои фаврию тафтишотии мақомоти корҳои дохилӣ; дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои равияи илмҳои

ҳуқуқшиносӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии дахлдор; дар раванди таълим: донишгоҳҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳангоми таълими дарсҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсус.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар асоси таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ, маводҳои амалияи судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, маводҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ паҳлуҳои мухталифи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (м. 253 КҶ ҶТ) мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, тавсияву таклифҳо оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ пешниҳод мегардад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– таҳлили рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– баррасии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– муайян намудани табиати ҳуқуқии ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– ошкор намудани мафҳум ва аломатҳои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– таҳлили унсурҳои объективии ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– таҳлили унсурҳои субъективии ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ;

– омӯхтани аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ бо забони давлатӣ ба шумор меравад. Дар рисола бори аввал аз ҷониби муаллиф мафҳум, асос ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, дар асоси қонунгузории амалкунанда ва таҳлили муқоисавии он бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, инчунин намудҳои бандубастшавандаи ҷинояти мазкур мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда, ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона гардида, масоили ҷавобгарии ҷиноятиро барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар бар мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия "Ташаккул, рушд ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ" масъалаҳои ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ва таҳқиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ "Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ" масъалаҳои таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмет, тарафи объективӣ, аломатҳои субъективӣ, инчунин аломатҳои бандубастшавандаи расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар тадқиқоти диссертатсионӣ ба хулосаи ниҳоӣ омада, дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудаанд. Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади рисола мувофиқ мебошанд.

Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабуланд. Адабиёти дар диссертатсия истифодашуда, ба истиснои баъзе аз камбудиҳои ҷузъӣ дуруст мебошанд. Унвонҷӯ аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назарӣ бароварда, барои амалӣ кардани онҳо маслиҳатҳои муфид манзур гардонидааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодоти таҳқиқот ба воситаи заминаҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок гардидаанд. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо илми криминологияи мавҷуда ва мувофиқатии методҳои илмии истифодашуда бо илми криминология ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 7 мақолаҳои илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Дар рисола тамоми паҳлуҳои мавзуъ таҳқиқ шуда, навгониҳои илмии таҳқиқот, дар он ифода меёбанд, ки рисолаи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Андешаҳои боло навгонии илмии тадқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳаққиқ кобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад.

Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи

«Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**
**д.и.ҳ.** **Назаров А.Қ.**

**Имзои А.Қ. Назаровро тасдиқ менамоям:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«10» январи с. 2024**

**Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**
**Телефон.: (+992) 907967476; (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10**
**Факс: (+992-37) 227-15-10**
**Email: info@tnu.tj**